# Машғулияти идоравӣ ҷиҳати омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 16 Август, 2022 - 13:06
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 59-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ҷиҳати ташкил намудани семинар ва курсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият дар Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 16-уми августи соли 2022, соати 9:30 бо иштироки васеи кормандон машғулияти идоравӣ баргузор намуд. Машғулияти идоравиро тибқи тартиб муовини сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Олимов Сироҷиддин оғоз намуда, суханро ба сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Шаҳноза дод. Номбурда вобаста ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати давлатӣ оид ба забон суханронӣ намуда, мӯҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкурро ба аҳли кормандон шарҳ дод.

Дар рафти семинар аз ҷониби кормандони Раёсат саволҳо вобаста ба тарзи дурусти калимаҳо ҳангоми коргузорӣ, имлои овозҳои садоноку ҳамсадо, калимаҳои мушаддад, иқтибосӣ, аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо ва ғайра пешниҳод гардид, ки кормандон ба ҳамаи саволҳо аз ҷониби мутахассиси Кумита бо овардани мисолҳо ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Барномаҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]
- Фаъолият [3]

---

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/mashguliyati-idoravi-chikhati-omuzishi-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-va-alomatkhoi-0?page=16

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B1%D0%B0%D1%80%D0%BD%D0%BE%D0%BC%D0%B0%D2%B3%D0%BE [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82